# Тақриз

ба фишурдаи диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна «Сохт, мавзӯъ ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.

Шоир ва мутафаккири номвари тоҷик Мавлоно Сайфиддини Исфарангӣ аз зумраи адибони машҳури садаи XIII буда, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавқеъ ва мақоми хосро дорад. Сайфиддини Исфарангӣ дар силки шуарои хушқареҳа, соҳибфазл ва соҳибфитрат қарор дошта, бо азамати дониши фавқуллода, ҳунари баланди шоирӣ ва афкори шӯрангезу пурҷозибаи адабӣ ба равнақу ривоҷи суханвариву сухансанҷии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ саҳми бузурге гузоштааст. Мақоми шоир дар радифи шуарои шуҳратманди қасидагӯ арзёбӣ гардидааст. Таҳқиқи қасидаҳои шоир аз ҷониби Раҳматова Озодахон оғози неки дарки моҳияти эҷоди бадеии мавсуф дар замони навин аст.

Диссертатсияи Раҳматова Озодахон аз муқаддима, се боб (ҳафт зерфасл), хулосаву китобнома иборат аст.

Диссертант дар муқаддимаи диссертатсия вазифаҳои пажуҳиши худро мушаххас баён намуда, муҳимияти мавзӯъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия асосан ба зиндагиномаи шоир иртибот дорад. Диссертант нуқтаҳои зиёдеро дар зиндагиномаи Сайфиддини Исфарангӣ таҷдиди назар менамояд. Ба хотири ба таври илмӣ равшан намудани шарҳи ҳоли Сайфиддини Исфарангӣ муҳаққиқ фасли алоҳидаеро ба баррасии вазъи сиёсӣ ва адабии аҳди шоир ихтисос додааст. Аз гуфтаи муҳаққиқ маълум мешавад, ки давраи камолоти шоир ба як марҳилаи ноороми таърихии Мовароуннаҳру Хуросон рост омадааст, зеро ҳамлаи муғулон боис гардид, ки мардуми ин мавзеъҳоро ноором кунад.

Зиндагии Сайфи Исфарангӣ, ки асосан дар Мовароуннаҳр сипарӣ гардидааст, агар дар як давраи муайяни таърихии ҳукмронии Хоразмшоҳиён, то инқирозу парокандагии ин сулола, ҳаёти иҷтимоию иқтисодию сиёсӣ ва адабӣ-фарҳангӣ то ҷое осуда бошад, дар даврони тохту този беамони муғулҳо маҷрои худро дигар кард, дар байни фарҳангиён низ парокандагии сунъӣ ба вуҷуд омад. Вале бо ин ҳама дар шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр чароғи илму маърифат пурра хомӯш нагардида, ба ҳар василае рушд мекард ва ё дур аз зулму истисмори

муғулҳо фаъолият дошт, ки дар мисоли эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ метавон мушоҳида кард, таъкид мекунад диссертант. Зерфаслҳои боби аввали диссертатсия, инчунин, дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти Сайфиддини Исфарангӣ маълумот медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия дар бораи сохт, муҳтаво ва арзишҳои адабии қасидаҳои Сайфиддини Исфарангӣ маълумот додааст. Андешаи диссертант дар он зикр мегардад, ки шоир дар қасидасарой мумтоз ва устоди бузурге будааст. Вай истеъдоду қобилияташро дар анвои дигари адабӣ низ санҷидааст, аммо барои муайян кардани мақому манзалати воқеии шоир дар таърихи адабиёт таҳқиқ ва баррасии қасидаҳои ӯ басанда аст, зеро аксари мероси ӯро ин навъи шеърӣ ташкил медиҳад.

Диссертант таъкид мекунад, ки Сайфиддини Исфарангӣ дар эҷоди ҳам қасидаи мукаммал ва ҳам қасидаи муқтазаб маҳорати баланд доштааст. Вале ҳамчун шоири мадеҳагӯй вай монанди Унсурӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Анварии Абевардӣ таваҷҷуҳи бештаре ба қасоиди муқтазаб дорад, ки он аз нисф зиёди қасоиди шоирро ташкил медиҳад. Яъне, беш аз 100 қасидаи Сайфи Исфарангӣ қасидаҳои аз нигоҳи сохт номукамманд, ки бо васфи мамдӯҳ оғоз ёфтаанд

Тақрибан ҳамаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ унвон дошта, исми мамдӯҳ ва ваҷҳи таълиф аз муҳтавои худи қасидаҳо бармеояд. Дар нусхаҳои қаламӣ теъдоди қасидаҳои шоир ва абёти онҳо ба тарзи гуногун ҷой дода шудаанд. Муҳаққиқ дар заминаи 198 қасидаи шоир, ки З. Сиддиқӣ таҳия кардааст, ҷадвале тартиб додааст, ки теъдоди абёти ҳар қасида дар он нишон дода шудааст. Ин кори диссертант ҷолиби диққат аст.

Боби сеюми диссертатсия ба мазмунсозӣ ва маъниофаринии қасидаҳои Сайфиддини Исфарангӣ ихтисос додааст. Муҳаққиқ баён мекунад, ки ҷавҳари қасоиди Сайфиддини Исфарангӣ аз асолат бархурдор, мавзӯъ ва матолибашон хеле пурбо特анд. Дар перомуни ин қасоид қазияи зиёди қазову қадар, матолиби муаммоангези марбут ба ҳастии маънавӣ ва моддии инсоният, моҳияти мубориза ҳои мухталифи сахту сангини муборизаҳои иҷтимоӣ, набардҳои мутазоди ғоявӣ, фикрӣ ва мазҳабӣ, як силсила масоили мубрами илму адаб ва ҳунар бо баҳравари аз имконоти густурдаи дониши фаҳмиши ҷадиди замонавӣ ва умқу биниши серпаҳно таҷассум ёфтаанд.

Шоир дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар баробари истифода аз санъатҳои бадей, ҳамчунон бо истифода аз калимаву ибораву таркиботи нав, ки аксар зодаи табъи худи ӯянд, фардияти тасвир ва ҳунари

шоиронаашро афзудааст. Вай дар ин самти эҷод ба таъбири худаш, «дили маънинигор» ва «шеъри тар» (3-оби азби равони шеъри тарам – Баҳри хушки арӯз Ҷайҳун бод) дорад, ки мақбули ҳамагон аст. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки аксари қасидаҳо дар ҳадди лутфу ғояти баланди маънӣ қарор дошта, даркашон мушкил аст ва бархе дигар аз лиҳози забон сода ва зебо, аз лиҳози диққати фикр ва латоиф бадеъ ва тоза ҳастанд.

Дар баробари ин дастовардҳо аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо минбаъд барои тақвияти боз ҳам бештари ковишҳои илмии муаллифи диссертатсия мусоидат хоҳад намуд:

1. Дар зерфасли аввали боби дуюми диссертатсия, ки “Мадҳи мамдӯҳон” унвон дорад, дар бораи мамдӯҳон маълумот додааст, вале солҳои ҳукмронии ҳар як аз мамдӯҳонро баён накардааст.
2. Зиндагинома ва эҷодиёти Сайфиддини Исфарангиро дар як боб ҷой додан лозим нест.
3. Ному лақаби мамдӯҳонро шоир дар қасидаҳо дар шакли Шамси дин, Фахри мулк ва ғайра (яъне Шамсиддин, Фахрулмулк) кор фармудааст, ки ҷудо навиштан беҳтар аст.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеҷ гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт. Диссертатсияи Озодахон Раҳматова тадқиқоти комилу анҷомёфта мебошад ва муҳаққиқи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Сардори Маркази такмили ихтисоси МД
“Китобхонаи миллии Тоҷикистон»,
номзади илмҳои филология Додихудоев Раҷабалӣ

Суроғаи электронӣ: bestmuslim@mail.ru

Имзои Р. Додихудоевро тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи ҳуқуқ ва кадрҳои МД
«Китобхонаи миллии Тоҷикистон Каримзода М.

ШУЪБАИ КАДРҲО